## *ТАҚРИЗ*

***ба автореферати доктории Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи "Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10- рӯзноманигорӣ***

Дар диссертатсия дар заминаи маводи матбуоти даврии тоҷик жанри сафарнома ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, чунин вазифаҳои мушаххас мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:а) баррасии андешаҳои муҳаққиқон доир ба сафарнома; б) мушаххас сохтани хусусиятҳои жанрии сафарнома; в)муайян кардани нақши муаллиф дар сафарнома; г)нишон додани тафовут ва умумияти сафарнома бо жанрҳои дигари публитсистика; д)мушаххас сохтани навъҳои сафарнома; ё) муайян намудани заминаҳои пайдоиш ва сарчашмаҳои сафарнома;ж)баррасии анъанаи сафарноманависӣ дар адабиёт ва публитсистикаи охири асри XIX ва ибтидои асри XX; з)таҳлили таносубии инъикоси воқеияти замон дар сафарномаҳои матбуотӣ; и) муайян намудани таносуби мавзӯъҳои ватаниву хориҷӣ дар сафарномаҳо; й)нишон додани заминаҳои иҷтимоиву касбии таҳаввули сафарнома; к)таҳлили хусусиятҳои мундариҷавии сафарномаҳои матбуотӣ; л)муайян намудани маҳорати нигоранда ва сабку услуби сафарномаҳо; м)ошкор намудани таносуби воқеият ва бадеият дар сафарномаҳои матбуоти тоҷик. Ин вазифаҳо сохтор ва мазмуни диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипурромуайян кардаанд.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, 5 боб, 12 фасл, хулосаву рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст. Дар муқаддима муаллифи рисола дар бораи муҳиммияти мавзӯъ, ҳадафҳои дар пеш гузошта, дараҷаи омӯзиш, манбаи таҳқиқ, мақсаду маром, усули таҳқиқ, навигарии илмӣ, моҳияту арзиши назарию амалии мавзӯъ изҳори назар кардааст.

Дар муқаддима муҳимияти мавзӯи диссертатсия, ҳолати асосии мавзӯи таҳқиқшаванда муайян карда шудааст, тавсифи умумии манбаъҳои истифодагардида дода, сохтори таҳқиқот мушаххас гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия, ки он "Ҷанбаҳои назарии шинохти сафарнома" унвон гирифтааст, масъалаҳои назарии таҳқиқи сафарнома, хусусиятҳои жанрӣ, мавқеи муаллиф, хатти ҳаракати сафар ва навъҳои сафарнома мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф дар боби дуюми диссертатсия - "Омилҳои пайдоиш ва ташаккули сафарноманависӣ" вобаста ба масъалаҳои заминаҳои пайдоиши сафарнома дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик доир ба асарҳои «Таърихи Байҳақӣ», «Зафарнома»-и Ш. Яздӣ, «Сафарнома»-и Н. Хусрав, «Ахлоқ-ул-ашроф», «Ришнома», «Сад панд» ва чанде аз навиштаҳои Убайди Зоконӣ,

«Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и З.Восифӣ, «Наводир-ул-вақоеъ»-и А.Дониш ва дигарҳо мулоҳизаву андешаҳои худро баён доштааст, ки хеле ҷолибанд.

Боби сеюми диссертатсия “Ташаккули матбуоти даврӣ ва инкишофи анъанаи сафарноманависӣ” унвон дошта, дар он марҳилаҳои инкишофи сафарнома, воқеиёти Тоҷикистон ва инъикоси он дар сафарномаҳои матбуотӣ, таносуби мавзӯъҳои ватаниву хориҷӣ дар сафарномаҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Муҳаққиқ дар боби чоруми диссертатсия, ки «Таҳаввули сафарнома дар матбуоти замони истиқлол”унвонгузорӣ шудааст, дар бораи заминаҳои иҷтимоиву касбии таҳаввули сафарнома, хусусиятҳои мундариҷавии сафарномаҳои матбуоти даврӣ фикру мулоҳизаҳои хешро баён намудааст.

Боби панҷуми диссертатсия бошад, “Маҳорати нигоранда ва сабку услуби сафарнома” номгузорӣ шуда, ин боб маҳорати нигорандагии қаламкашонро дар эҷоди сафарнома ва таносуби воқеияту бадеиятро дар сафарнома бозгӯ мекунад.

Дар хулосаи диссертатсия унвонҷӯ натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар 20 банд ҷамъбаст намудааст, ки аз аҳамияти назарӣ ва амалӣ бархурдоранд. Чунончи, натиҷагириҳои зерини муҳаққиқ аз қабили: таърихи тӯлонӣ доштани сафарнома дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик ва аз «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ маншаъ гирифтани он; хусусиятҳои публитсистӣ доштани «Таърихи Байҳақӣ», «Таърихи Табарӣ», «Зафарнома» ва амсоли онҳо; бархурдор будани сафарнома аз хусусиятҳои жанрҳои дигар, чун очерк, лавҳа, ёддошт, мақола, мактуб, репортаж ва ғайра; худи муаллиф будани қаҳрамони асосии сафарнома; ба се навъ – лавҳаи сафар, рӯзномаи сафар ва қайдҳои сафар мувофиқат доштани сафарномаҳои матбуоти даврӣ;аз нав рушду нумуъ ёфтани сафарнома дар замони истиқлоли воқеӣ; алорағми адибону қаламкашон, рӯзноманигорону ашхоси касбу корашон гуногун густариш ёфта истодани сафарнома; имрӯз забони содаву равон ва дилнишин доштани нигоштаҳои аҳли қалам ва дигарҳо арзиши тозаи илмӣ доранд.

Ба андешаи мо, гузориши масъалаи мавриди таҳқиқ аз дастовардҳои муҳимми соҳиби диссертатсия буда, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣбарои журналистикаи тоҷик, махсусан дар соҳаи рӯзноманигорӣ, кори таҳқиқотии нав маҳсуб меёбад.

Дар баробари дастовардҳои муҳим диссертатсия аз баъзе норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи кор хеле муфиданд:

1. Дар диссертатсия маводи зиёд оварда шудааст, кам кардани миқдори онҳо ва бештар ба амикрафти таҳлил руҷӯъ намудан ба фоидаи кор хоҳад буд.

2. Дар баъзе саҳифаҳо ғалатҳои имлой ва техникӣ ба назар мерасанд.

Дар маҷмӯъ, норасоиҳои номбаршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти таҳқиқи анҷомдодашударо халалдор намесозад, зеро онҳо вижагии фаннӣ дошта, ислоҳпазиранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Фишурдаи рисола ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопкардаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар асоси мулоҳизаҳои болой метавон гуфт, ки диссертатсияи мавриди тақриз дар мавзӯи «Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика(масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)"ба талаботи КОА Ҷумҳурияти Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Бозорзода Нуриддин Шодипурсазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 - рӯзноманигорӣ мебошад.

**Муқарриз:** Ҷ. Ҳамроев. **Ҷумъа Ҳамрох,** мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд, доктори илмҳои филологӣ, профессор.

**Суроға:** Шаҳри Самарқанд, хиёбони университет 15.

**Почтаи электронӣ: juma.Hamroh@mail.ru**
Телефон: +998915289800

Сардори Раёсати кадр: Ситора Абуллаева

«____» ________________________ 2021 с